# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ЗУЛЛИСОНАЙНӢ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Ҳикмат Султонович Ҳикматов**
устоди Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқи вилояти Тошканди Республикаи Ӯзбекистон
xikmatxikmatov15@gmail.com

## АННОТАТСИЯ

Адиб, олим, шоир, нависанда, публисист – Садриддин Айнӣ, ки бузургтарин ва барҷастатарин намояндаи адабиёти тоҷик ва ӯзбек мебошад, бинобар ин вайро асосгузор ва поягузори адабиёти ин ду халқ меноманд. С.Айнӣ муҳаққиқи варзидаи илми адабиётшиносӣ мебошад, ки доир ба ҳаёт ва фаъолияти намояндагоне, монанди Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ, Саъдии Шерозӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил тадқиқотҳои муфидро дар тазкираи пурмӯҳтавои худ "Намунаи ададбиёти тоҷик" анҷом додааст.

**Калидвожаҳо:** зуллисонайн, адабиётшиносӣ, муҳаққиқ, тадқиқот, таҳқиқ, ахзар, гунбад, зарқ, таҳким.

## ANNOTATSIYA

Yozuvchi, olim, shoir, yozuvchi, publitsist – Sadriddin Ayniy tojik va oʻzbek adabiyotining eng yirik va koʻzga koʻringan namoyandasi boʻlgani uchun uni bu ikki xalq adabiyotining asoschisi va asoschisi deb atashadi. S.Ayniy adabiyot ilmining yirik tadqiqotchisi boʻlib, oʻzining "A.A. tojik adabiyoti namunasi".

**Kalit soʻzlar:** zullisonain, adabiyotshunoslik, tadqiqotchi, tadqiqot, tergov, axzor, gunbad, zarq, mustahkamlash.

## АННОТАЦИЯ

Писатель, ученый, поэт, писатель, публицист - Садриддин Айни, который является крупнейшим и наиболее ярким представителем таджикской и узбекской литературы, поэтому его называют основоположником и основоположником литературы этих двух народов. С.Айни – выдающийся исследователь литературоведения, проведший полезные исследования жизни и деятельности таких представителей, как Абу Абдулла Рудаки Самарканди, Саади Ширази, Зайниддин Махмуд Васифи,

Мирзо Абдул Кадир Бедиль в своем всестороннем обзоре «А образец таджикской литературы».

**Ключевые слова:** зуллисонаин, литературоведение, исследователь, исследование, расследование, ахзар, гунбад, зарк, усиление.

## ABSTRACT

Writer, scientist, poet, writer, publicist - Sadriddin Aini, who is the greatest and most prominent representative of Tajik and Uzbek literature, therefore he is called the founder and founder of the literature of these two nations. S. Aini is an outstanding researcher of the science of literature, who has carried out useful studies on the life and activities of representatives such as Abu Abdullah Rudaki Samarkandi, Saadi Shirazi, Zainiddin Mahmud Wasifi, Mirzo Abdul Qadir Bedil in his comprehensive review "A sample of Tajik literature".

**Keywords:** zullisonain, literary studies, researcher, research, investigation, akhzar, gunbad, zarq, strengthening.

## ДАРОМАД

Садриддин Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва тадқиқотчии осори асосгузори адабиёти мумтози ӯзбек Мир Алишери Навоӣ хизмати пурарзише ба сомон расондааст ва махз бо саъю кӯшиши ӯ ба истиқболи ҷашни 500 – солагии вай дар соли 1941 ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки як вақтҳо дар мадрасаҳои он таълим гирифта буд, номи Алишери Навоӣ дода шуд. Вай қариб дар тамоми жанрҳои адабиётшиносии тоҷик комёб гардида, инчунин анъанаи зуллисонайнро дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек дар асри XV ва мавқеи Алишери Навоиро дар ин самт ба таҳқиқ гирифта, доир ба он рисолаи пурарзиши худро оид ба эҷодиёти форсӣ-тоҷики вай ҷамъбаст ва таълиф кард ва ашъори ба тоҷикӣ иншокардаи вайро бо номи “Девони Фонӣ” омода ва чоп намуд. Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Ленинград (Санкт-Петербург) ба номи А.А. Жданов махз барои ҳамин китобаш додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор карда буд.

Садриддин Айнӣ дар ин самт натанҳо худаш доир ба таҳқиқи ва тадқиқи адабиёти ин ду халқ машғул мешуд, балки барои шогирдони оянда ҷиҳати таҳаввул ва ташаккули анъанаи зуллисонайн заминаҳои забарҷад мегузошт. Худи адиб низ ба ҳар ду забон ба таври озод эҷод мекард. Аз ҳамин нуқтаи назар баъзе масоили тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ маъхаз ва манбаъҳои муҳимтарини адабиёти ибтидои асри XX ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар

«Намунаи адабиёти тоҷик» ашъори бархе аз шоирони зуллисонайн ҷой дорад, ки таҳқиқ ва тадқиқ карданро тақозо менамояд. Устод Айнӣ доир ба намояндагони адибони зуллисонайн далелу санадҳои мӯътамад оварда, дар бораи баъзеи онҳо маводҳи арзишмандро меорад, ки дар аксар манбаъҳо дида намешаванд. Ва худи ӯ дар ҳамон асараш таъкид карда мегӯяд, ки бинобар дар сарчашмаҳо кам будани маълумотҳо доир ба баъзе намояндагон, вай дар бораи онҳо бештар таваққуф кардааст. Масалан дар саҳифаи 63-юми маҷмӯа чунин менависад: “ Чун тарҷимаи ҳоли Бадри Чоҷӣ дар тазкираҳо навишта нашуда буд, дар зикраш қадре сухан дароз рафт”. Ҳарчанд ки номбурда яке аз намояндагони шоирони зуллисонайн мебошад, ки дар Деҳлӣ аз олам гузашта ба забонҳои форсӣ ва туркӣ эҷод кардааст ва ҳатто дар ин раванд шоирӣ унвони Маликушшуаро дорад.

Дар ҳақиқат, «Намунаи адабиёти тоҷик» нахустин асари калони илмии адабиётшиносии Садриддин Айнӣ мебошад, ки тибқи сарчашмаҳо дар миёнаҳои моҳҳои март ва октябри соли 1925 навишта шуда, он соли 1926 дар шаҳри Москва чоп шудааст. Маҷмӯа бо пешгуфтори Абулқосим Лоҳутӣ бо номи «Садриддин Айнӣ» ва «Сарсухан»-и мураттиб – Садриддин Айнӣ оғоз гардида, ба 3 қисм ҷудо мешавад. Ба қисми якум, ки солҳои 912/913–1785/86-ро дар бар мегирад ва дар он аз Рӯдакӣ то Сайидои Насафӣ 80 адиб бо тартиби хронологӣ оварда шудааст, дохил мешаванд. Дар қисми дуюм, ки солҳои 1785/86–1924/25-ро дар бар гирифта, дар он намунаҳои осори 132 адиб фароҳам оварда шудааст, ҷой дода шудаанд. С.Айнӣ намунаҳои адабиеро, ки то даврони таълифи ин асар ба равияи анъанаҳои адабиёти гузашта эҷод шудаанд, дар ҳамин қисм ҷой медиҳад. Тартиб додани ин қисм тибқи алифбои арабиасос мебошад. Ва ниҳоят дар қисмати сеюм бошад, он осоре ҷой дода шудаанд, ки мавзӯи нав дошта, баъди аз Инқилоби 1905 ва Инқилоби Октябр ба майдон омадаанд. Устод Айнӣ дар ҳамин қисми китоб оид ба эҷодиёти 11 адиб маълумот ва намунаҳо оварда, дар хусуси якчанд рӯзномаву маҷаллаҳо ахбор медиҳад. Айнан ана ҳамин қисмати китоб боз ба ду давра ҷудо карда шуда, давраи якум солҳои 1905–1917 ва давраи дуюм солҳои 1917–25-ро дарбар мегирад.

Камолиддин Садриддинзодаи Айнӣ дар бораи тартиби китоб сухан ронда, аз ҷумла чунин менигорад: “ Инак ин асар бо дар назар гирифтани ислоҳоту изофоте, ки Устод Айнӣ ба он пардохтаанд, ба табъ мерасад.Умед аст, ки ин маҷмӯа хидмате бошад ба миллати фарҳангию асили тоҷик ва ҳамаи форсизабонон ва дардошное, ки аҳли қаламу таҳқиқу андешаанд”. Ҳамин чизро хуб дар хотир бояд дошт,

ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳамон адибоне, ки дар воҳаҳои Туркистону Мовароуннаҳр зиндагӣ ва эҷод кардаанд ва ё айнан ба ҳамин сарзаминҳо ягон алоқадорӣ доштанд, ворид гардонда шудаанд.

## ҚИСМИ АСОСӢ

Вақте ки сухан дар бораи баъзе масоили зуллисонайнӣ дар тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" меравад, бояд пеш аз ҳама адибоне дар назар дошта шаванд, ки онҳо бо ду забон эҷод мекарданд, Ҳанӯз дар асрҳои IX-X дар Осиёи Миёна баъзе адибон осори худро ба забони форсӣ ва арабӣ менавистанд. Аз ҳамон давр инҷониб ин гуна адибонро зуллисонайн номидаанд. Дар асрҳои XV-XVI ҳодисаи зуллисонайнӣ дар адабиёти форсӣ ва туркӣ ба дараҷаи анъана бардошта шудааст. Ва тарафдорони ин раванд рӯз то рӯз зиёд шуда, дар асрҳои XVIII – XIX доманаи он боз ҳам густариш ёфт. Аз ин рӯ шоирон ва нависандагонеро, ки ба забони форсӣ ва ӯзбекӣ низ эҷод мекунанд, адибони зуллисонайн меномидагӣ шуданд.

Таҳия ва нашр шудани тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ҳаёти адабӣ боиси писанди хотири ҳаводорони адабиёт гардида буд. Ва ин падида дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дар ҳамон давра дигаргунии куллӣ дар соҳаи пешрафти адабиёти тоҷик довиста мешуд. Аз табақаи аҳли зиё то мардуми оддӣ бо хушнудии том онро пазируфта буданд. "Намунаи адабиёти тоҷик" асаре ҳисобида мешавад, ки бо нашри он С. Айнӣ на танҳо ҳастиии миллати тоҷикро собит намуд, балки инчунин нишон дод, ки халқи тоҷик ва адабиёти он аз замонҳои хеле қадим сарчашма гирифта, то даврони кунунӣ омада расидааст. Садриддин Айнӣ дар тазкираи худ қариб 100 нафар адиби Самарқандро номбар карда, доир ба ҳаёту фаъолияти онҳо маълумотҳои мӯътамад аз овардааст.Ҳамчунин намунаҳо аз эҷоди оҳо гирдоварӣ кардааст. Аксарияти ин эҷодкорон шуарои зуллисонайн буда, мисли худи устод Айнӣ дар таърихи адабиёти халқҳои тоҷик ва ӯзбек хизмати арзанда кардаанд.

Садриддин Айниро офтоби тобон ва ситораи дурахшони осмони илму маърифати халқҳои Осиёи Марказӣ номидан равост. Фаразан, нависандаи машҳури туркман Берди Карбобоев Айниро "Падар ва устод"-и тамоми адибони Осиёи Марказӣ дониста буд Олими Эрон Саид Нафисӣ баъд аз нашр шудани тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" чунин навишта буд: " Барои ҳар касе, ки дар адабиёти форсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад".аз рахшандатарин ситораҳост. Айнӣ шахсияти бузургест, ки маҳз бо чунин осори арзишмандаш ба адабиёти муосири тоҷик асос мегузорад ва бинобар эҷоди

сермаҳсулаш ба забони ӯзбекӣ яке аз поягузорони адабиёти ӯзбек ҳам мебошад.

Осори тадқиқотии Садриддин Айни ҳадду канор надорад. Мақолаҳои аввалини вай хусусияти таблиғотӣ дошта, вобаста ба шароит аҳамияти илмию публисистӣ доштанд, аммо фаъолияти амиқ ва ҷиддии илмӣ, хусусан адабиётшиносии вай аз офариниши “Намунаи адабиёти тоҷик” оғоз ёфтааст. Вай ин шоҳасарро нафақат офарид, балки тавассути он ба фаъолияти як гурӯҳ шоиру нависандагон ва хусусан адибони зуллисонайн баҳои илмӣ дод. Аз сабаби он, ки худи Айнӣ адиби зуллисонайн аст ва ба ду забон эҷод мекард, гузашта аз ин тарҷимони байни ин ду миллат, яъне тоҷику ӯзбек низ буд. Мисолан, вай романи “Қуллар”-и худро аввал ба забони ӯзбекӣ нависта , сипас худаш онро ба забони тоҷикӣ тарҷима кардааст.

Вай дар баробари бисёр бузургони адабиёти тоҷик аз аввалинҳо шуда, ҳаёту эҷодиёт ва ганҷинаи пурарзиши Алишер Навоиро дақиқан омӯхт. Дар ин бора дар ибтидои мақола ишораҳо рафта буд. Вай дар тазкираи худ аз эҷод ва мактуботи тоҷикии Алишери Навоӣ маълумот дода истода, дар саҳифаи 79-уми он аз “Тӯҳфат-ул-афкор” намуна меоварад, ки ба тариқи зайл аст:

«Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Тухми расвоӣ диҳад бар донаи тасбеҳи зарқ,
Оре, оре, дона ҷинси хешро боровар аст.
Гунбади хазро, ки хунрезист феълаш, дур нест,
Барги ҳинно ахзар омад, лек рангаш аҳмар аст.
Мардро як манзил аз мулки фано дон то бақо,
Меҳрро якрӯза роҳ аз Бохтар то Ховар аст».

С.Айнӣ доир ба фаъолияти дузабонагии Алишери Навоӣ дар китобе, ки оиди панду андарзҳои мутафаккирон мебошад, чунин гуфта шудааст: «Фаъолияти эҷодии Алишер Навоӣ аз синни даҳ-дувоздаҳсолагӣ оғоз ёфт. Дар 15-солагӣ ӯро ҳамчун шоири зуллисонайн мешинохтанд. Вай ба забони ӯзбекӣ бо тахаллуси «Навоӣ» ва ба забони форсии тоҷикӣ бо тахаллуси «Фонӣ» шеър менавишт».

Фаъолияти илмию тадқиқотии мавсуф доир ба адабиёти ӯзбек нахустин маротиба дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба назар мерасанд. Вай дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» доир ба ҳаёт ва эҷодиёти чандин намояндагони адибони дузабона, аз ҷумла Нодира, Фазлии Намангонӣ, Акмали Хӯҷандӣ, Амир Умархон, Гулшанӣ, Адо, Бобораҳим Машараб, Ҳашмат ва дигарон маълумотҳои амиқу муҳими илмиву таърихиро баён кардааст. Худи Садриддин Айнӣ доир ба фаъолияти

онҳо маълумот дода истода таъкид мекунад, ки ҳанӯз кори ин намоянда ба комилӣ баррасӣ нагардидааст ва бояд ҷустуҷӯйҳо бурда шавад. Бинобар ин доир ба исми баъзе адибони зуллисонайн маълумотҳо камтар оварда шудаанд, вале ҳамаи онҳо асоси илмӣ доранд. Масалан, навиштаҳои устод Айнӣ дар бораи адиби зуллисонайн Нодира лар поёни қисми аввали “Намунаи адабиёти тоҷик” ба тариқи ҷумлаҳои мухтасар чунин оварда шудааст: ”Андиҷонист ва завҷаи амир Умархон – волии Хӯқанд аст. Вафоти Умархон 1237 ҳиҷрист. Аз рӯйи шунид Нодираро дар форсию туркӣ девоне мукаммал аст. Ҳайфо, ки бинобар матбӯъ набуданаш диданаш муяссар нашуд. Дар маҷмӯаи “Билим учоғи”, ки дар Тошканд дар соли 1923, 15 май, шумораи 2-3 нашр шудааст, тарҷумаи ҳол ва ашъори туркияш нақл шуда бошад ҳам, ашъори форсияш зикр нашудааст. Танҳо аз “Таворихи хамсаи шарқӣ” суолу ҷавоби форсии зер ба номи ӯ аз рӯи гумон нақл карда шудааст.

**Суолу ҷавоб**

**Суоли Умархон:**

Зери домони ту пинҳон чист,эй гулпираҳан?

**Ҷавоби Нодира:**

Нақши сумми оҳуи Чин аст дар барги суман.

**Умархон:**

Боз ташбеҳи дигар кун, то бигардам аз сарат,

**Нодира:**

Ғунчаи серобро монад, ки нашкуфта даҳан.

Бузургии дигари С.Айниро дар ҳамин ҳам дидан мумкин аст, ки бо овардани маълумотҳо аҳли илму адаброро водор месозад, ки сари навистаҳояш ҳатман ҷустуҷӯйҳо баранд. Дар матни боло асари “Таворихи хамсаи шарқӣ”-ро ба забон меорад, ки ин ба муҳаққиқон асоси илмӣ мегардад, ки дар бораи ҳаёту фаъолият, ба вижа осори тоҷикии Нодира ҷустуҷӯйи дақиқтар ба роҳ монанд.

Мисли ҳамин, вақте ки ба шоири дигари зуллисонайн – Адо рӯ оварем, бешубҳа баъзе қирраҳои дар манбаъҳо пеш наомадаро дарёб кардан мумкин аст. С.Айнӣ аз ҷумла менависад: “ Вафот 1252, моддаи таърихаш “Афсӯс мурд Султонхон”.

Султонхоҷа Шайхулисломи Аҳрори Самарқандист. Мумоилайҳ дар Бухоро ба аҳди Амир Ҳайдар, дар Хӯқанд ба аҳди Умархон, боз дар Бухоро ба аҳди амир Насруллоҳ ба мартабаҳои олӣ расидаву сухансарой карда. Дар форсию туркӣ девонаш тамом аст.

Қори Раҳматуллоҳ дар “Тӯҳфатулаҳбоб” вафоташро 1250 қайд карда. Аммо дар як маҷмӯаи дастнависи дигар

моддаи “Афсӯс мурд Султонхон” нишон дода шудааст, 1252 мешавад.Вафоташ дар Бухоро, қабраш дар Самарқанд ба мазори Хоҷа Аҳрор аст.

**Аз “Радоифулашъор”**

Куҷо ба ранги ҳино мениҳад нигор ангушт,
Зи хуни бегунаҳон мекунад нигор ангушт.
Ба қадри дастгаҳи густ табъи мавзунат,
Зи мавҷ дар кафи дарёст сад ҳазор ангушт...

**Аз тазкираи “Туҳфатулаҳбоб”-и**
**Қорӣ Раҳматуллоҳи Бухорой**

Аз шикасти тавба дорад зулф исёнам ҳанӯз,
Бастаи занҷири табъи нопушаймонам ҳанӯз,
Умрҳо шуд, Хизри хат он чашмаи ҳайвон гирифт,
Дар хаёли зулмати зулфи парешонам ҳанӯз...

Адо дар вақти мурданаш ба касоне, ки аз ӯ васият талаб карданд, бадеҳатан гуфта:

Аз як маҷмӯаи дастнавис нақл шуд:

Хуш он ринде, ки баъд аз мурданаш меросгири ӯ
Ба ғайр аз пои тобуту асо чизе намегирад.

Аз маълумоти муфассалтаре, ки дар маҷмӯа буд, тариқи ихтисор оварда шуданд. “Дар форсию туркӣ девонаш тамом аст” гуфтани С.Айнӣ худ аз худ аҳли муҳаққикро вазифа мегузорад, то ки дар бораи ӯ маълумоти аниқу дақиқро ҷустуҷӯ намоянд. Аз ин ҷост, ки то имрӯз ягон кори илмӣ доир ба адибони зуллисонайн дар алоҳидагӣ рӯйи кор наомадааст. Ҳарчанд, рисолаҳои алоҳида нависта шуда бошанд, вале эҷоди кулли намояндагони он ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Ин дар назди адабиётшиносии нав вазифа мегузорад, ки таҳқиқу тадқиқотҳои мушаххас дар ин бора ба роҳ монда шаванд. Ғайр аз ин ҳанӯз адабиётшиносии мо дар бораи забону услуб, шаклу сабк, сохту авзон, мавзӯъу мундариҷа, санъатҳои бадеӣ ва воситаҳои тасвири бадеии эҷоди адибони зуллисонайн маълумотҳои амиқи илмӣ талаб мекунад.

Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» доир ба яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти маорифпарварони тоҷик дар ибтидои асрии XX Тошхӯҷаи Асирӣ чунин навистаҳоро баён намудааст: “... Асирӣ дар ин порча баъд аз тавсифи шахси солис, ки Абдулқодири Мударриси Кошғарӣ будааст, дидааш ба дасти ӯ девони Таҷаллии Ҳиндустониро ҳикоя мекунад. Дар зайли ҳикоя як қасидаи Таҷаллиро ҷавоб мегӯяд. Он қасида ин аст ( ба тариқи интихоб):

Одамият чист? Худро дур аз шар доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.
Аз сафо оина бастаи хонаи дилро мудом,
Аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.
Аз нитоқи ҳусни ҳиммат бар миён бастаи камар,
Бар сар аз тарки ҳавоҷис зеби афсар доштан.
Хешро дар шоҳроҳи фикр афкандан ба хок,
Дар тариқи фоқа худ аз хор камтар доштан...

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки устод Айнӣ дар мавриди маълумотҳо доир ба Тошхӯҷаи Асирӣ менависад, ки дар назм баъзан ва дар наср тамоман муқаллиди Бедил аст. Ба ҳамин маънӣ дар маҷмӯа бо овардани порчаҳо аз дафтари Асирӣ фикри худро асоснок менамояд. Дар ҳақиқат, пас аз хондани мисолҳо муҳаққиқ зуд пайхас мекунад, ки забони навиштори Асирӣ бо насри Бедил қариб дар як услуб омадаанд.

Ҳамин тавр аз тазкираи "Намунаи адабиёти тоҷик" оид ба намояндагони адибони зуллисонайн маълумотҳои дақиқу амиқ пайдо карда, аз онҳо барои омӯхтани ҳаёту фаъолияти адибон самаранок истифода кардан мумкин аст. Метавон гуфт, ки маълумотҳои маҷмӯа ба омӯхтани эҷодиёти онҳо роли калидиро мебозад.

**ХУЛОСА**

Ҳамаи ин саъю кӯшишоти Айнӣ дар кишвари мо муносиб қадр карда шудаанд. Вай ҳамчун ходими хизматнишондодаи улуми Ҷумҳурии Ўзбекистон, узви фахрии Академияи Фанҳои Ўзбекистон эътироф гардидааст. Инчунин ӯбо ордени «Буюк хизматлари учун» сарфароз гардонда шудааст.. Илова бар ин, дар китобҳои дарсии мактабӣ ва олӣ, инчунин дар энсиклопедияи миллии Ўзбекистон доир ба шахсияти бузург будан ва эҷодиёти гаронбаҳои Айнӣ ҳарфҳои фаромӯшнашаванда сабт шудаанд. Ҳамаи заҳматҳои илмии устод Садриддин Айнӣ аҳамияти пурарзише дорад, ки боиси ифтихор мебошанд. Фаъолияти адабии ин адиби фарзона бо вуҷуди омӯхта шуданаш боз ҷустуҷӯиҳои навро тақозо менамояд.

Ҷиҳати хулоса ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки устод Садриддин Айнӣ нисбат ба фарҳангу тамаддуни халқҳои тоҷику ўзбек назари ҳақбинона дошта, дар робита бо ин дар таҳкими арзишҳои бузурги маънавӣ, инчунин меҳру муҳаббат ва дӯстиву рафоқати ин ду халқи бародар бениҳоят хизмати калонро анҷом додааст. Натиҷаи ин гуна ғамхориҳо аст, ки имрӯзҳо пайравони равияии зуллисонайнӣ рӯз то рӯз зиёд гардида истодаанд ва ин анъана бардавом хоҳад монд.

ISSN: 2181-1385 ISI: 0,967 | Cite-Factor: 0,89 | SIS: 1,9 | ASI: 1,3 | SJIF: 5,771 | UIF: 6,1

## REFERENCES

1. Алишер Навоий. Мукаммал асарлар тӯплами. 10 жилдлик. 9 жилд, “Мажолисун-нафоис”. Ташкент, 2011.
2. Ганчи Зарафшон. Душанбе: “Адиб” 1991.
3. Энсиклопедияи Адабиёт ва санъати тожик. 3 томлик. Душанбе: 1988-1990.
4. Иброҳим Ҳаққул. Абадият фарзандлари. Тошкент: “Ёш гвардия”, 1990.
5. Н. Маъсум. Адабиёти тожик дар асрҳои XVIII-XIX. Душанбе, 1962.
6. С. Айнӣ. “Намунаи адабиёти тоҷик”, -Душанбе, “Адиб”, 2010.
7. Ӯзбек адабиёти. 4 томлик. Тошкент: “Фан”, 1978.
8. Ф.Исомиддинов, Жонмирзо Мирзоев, “Зуллисонайн адаблар” ( Адибони зуллисонайн), Тошкент, “Истиқлол нури”, 2013.
9. Ҳасанхожа Нисорий. “Музаккири аҳбоб”. Тошкент, 1993.